**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 дар назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ дар мавзуи «Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст**

1. Мавзуи кори диссертатсионии Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ ба таҳқиқи масъалаҳои сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва низоми татбиқи он дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Он яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқотӣ ба шумор рафта, дар шароити ҳозира дорои аҳамияти баланди илмию назариявӣ ва сиёсию амалӣ мебошад. Нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки дар низоми муосири донишҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои муайян кардани ҳолатҳо ва махсусиятҳои сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва дарёфти роҳу воситаҳои беҳтари амалӣ гаштани он дар шароити Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз «26» июни 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он масъалаҳои муҳимиеро дар бар мегирад, ки ба раванди ташаккул ва инкишофи забони давлатӣ дар бораи ҷавонон ва муваффақона амалӣ гардонидани он пайвасти ногусастанӣ ва доимӣ доранд. Кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, таҳти №364/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Диссертатсия ва автореферат бо риояи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии

Сканировано с CamScanner

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2022, таҳти №3 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

5.Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 1 монографияи илмӣ, 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 маърӯза дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита пайвастанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошанд.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, гувоҳӣ медиҳад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаб маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест. Сарчашмаҳои илмӣ ва маводи эмпирикие, ки довталаби дараҷаи илмӣ истифода намудааст, боэътимод мебошанд. Методҳои илмии истифоданамудаи муаллиф бо соҳаи илм ва ихтисоси илмии диссертатсия мувофиқат менамоянд.

7. Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ дар мавзуи «Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079–и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2) Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода- доктори илмҳои сиёсӣ;
- Набизода Ваххоб Машраб - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи Таърихи ватанӣ ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.
- 3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъин карда шавад.

Сканировано с CamScanner

- 4) Барои нашри эълон, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
- 5) Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Л.Ш.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои фалсафа Ҳайдарзода Р.Ҷ.

доктори илмҳои фалсафа Фаттоҳзода С.С.

Сканировано с CamScanner